# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Кори диссертатсионии Султонзода Исмоил Сафарали аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир – Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ бахшида шудааст.

Дар шароити муосири низоми маорифи мамлакат масъалаҳои марбут ба таҳкими саломатӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ ҳамчун муаммои муҳими илмҳои педагогӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҳуҷҷатҳое аз қабили стандартҳои таҳсилоти умумӣ, ки фарогири салоҳиятҳои универсалӣ мебошанд, барои кумакрасонӣ ба шахсони амаликунандаи фаъолияти иҷтимоию меҳнатӣ равона карда шудаанд. Ҳифзи саломатӣ аз ҷумлаи чунин салоҳиятҳо ба шумор меравад. Мақсади он, нигаҳдории сатҳи баланди саломатии ҷисмонӣ мебошад. Сарфи назар аз корҳои ба нақша гирифташуда, дар ин самт таҳқиқоти иҷронамудаи мо маълум кард, ки муносибати ҷавонон ба саломатии худ дар сатҳи паст қарор дорад. Дар ташаккули тарзи ҳаёти солим, инкишоф додани ангезаҳо ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба хонандагони синфҳои болоӣ бояд аз тарафи коллективи педагогии муассисаҳои таълимӣ, ки рафтори солимгардонии хонандагонро таъмин менамояд, кумаки зарурӣ расонанд. Ин ҳолат бо он шарҳ дода мешавад, ки ҷавонон ҳанӯз самтгириҳои дақиқи солимгардонӣ ва пешгирии бемориҳоро надоранд. Барои он ки арзишҳои рафтори ҳаётӣ дар зеҳни онҳо ҷойгоҳи шоиста пайдо кунанд, ҳамзамон, бо таъсиси пойгоҳи моддию техникии мукаммал дар муассисаи таълимӣ (толорҳои варзишии замонавӣ, таҷҳизот,

дастгирии муассири тиббӣ) ба фаъолияти таълимию касбӣ самти зарурии маъноӣ дода шавад. Аз ҷумла, ба ҷанбаҳои ташкилӣ, муҳтавоии равандҳои таълимӣ фаъолиятҳоеро, ки ба ҳифзи саломатӣ нигаронида шудаанд, дохил кардан зарур аст. Чунин амалҳо хонандагони синфҳои болоиро барои ҳифз ва нигоҳдории саломатии ҷисмонӣ, руҳӣ ва психологии худ ҳавасманд мекунанд. Бинобар ин, дар назди ҷомеаи педагогии мактаб вазифаҳое меистанд, ки онҳо ба инкишофи ҳаматарафаи сифатҳои ҷисмонии хонандагон, арзишҳои маънавию ахлоқии онҳо нигаронида шудаанд ва ин инкишофро дар тамоми давраи таҳсил дар низоми таҳсилоти умумии асосӣ ҳамроҳ намоянд. Мақсадҳои гузошташуда бояд бо истифода аз навсозии иқтидори педагогӣ, бознигарии шаклҳои анъанавии кори тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонӣ дар мактаб, ташкили чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ амалӣ шаванд. Ба таври умум, масъалаҳои тарзи ҳаёти солимро дар ҳамаи намудҳои фаъолияти хонандагони синфҳои болоӣ, ба монанди корҳои илмию таҳқиқотӣ, инчунин, дар чорабиниҳои самти психологию педагогӣ матраҳ сохтан зарур аст. Чунин хулосаҳо асос мешаванд, ки ҳадафи муҳимми кори педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷустуҷӯи муҳтавои нав ва равишҳои татбиқи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагон дар тарбияи ҷисмонӣ пешниҳод гарданд.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ», ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз он ҷумла, ба банди 3 – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот), банди 5 – «Назария ва консепсияи тарбия» (омилҳои иҷтимоӣ – фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани асосҳои арзишии ташаккули

раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия) мувофиқат мекунад.

***Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:*** Эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршударо омилҳои зерин тасдиқ мекунанд: шарҳи усулҳои методологии вазифаҳои ибтидоӣ, асосноккунии назариявии марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ; интихоби методҳои таҳқиқот, ки ба мантиқи вазифаҳо ва ҳадафҳои матраҳгардида мувофиқат мекунанд, инчунин татбиқи мушаххаси онҳо дар ҳар як марҳила; мувофиқати ҳадафҳои гузошташуда ва вазифаҳои он; мунтазам ва босифат омӯхтани раванди таҳсилоти мактабӣ ва ҷанбаи дурударози кори таҷрибавӣ бо хонандагони синфҳои болоӣ; таҳия ва татбиқи амалии методҳои ташхиси арзёбӣ, муносибати комплексӣ ба интихоби манбаъҳои иттилоот, татбиқи самаранокии таҳлили миқдорӣ ва сифатии иттилооти дар ҷараёни омӯзиш ҷамъоварӣ ва омӯхташуда. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки асоснокии натиҷаҳои бадастомада аз он далолат мекунад, ки таҳқиқоти мазкур дар асоси се хусусияти махсуси таҳқиқоти диссертатсионӣ - аксуламалӣ, назариявӣ, монографӣ ва мутобиқ ба ин хусусиятҳо истифода аз усулҳои эмпирикии мантиқии таҳлили мафҳумҳо аз қабили тафсири мафҳумҳои асосӣ, ҳамчун воситаҳои мантиқию методологии таҳлил, таърифи мафҳумҳои бунёдӣ, мундариҷаи мафҳумҳо ва синтези категорияҳо, инчунин истифодаи усулҳои умуминазариявии таҳлил ва синтез, мушаххаскунӣ ва ҷамъбасткунӣ, умумикунонӣ ва ҳамгунсозӣ, шакливазкунӣ ва тағйирдиҳӣ, усули гузариш аз мафҳумҳои умумиятёфта ба мафҳумҳои мушаххас, усулҳои амсиласозии ҳолатҳои имконпазир, таҷрибаи фикрӣ ва таҳқиқоти монографӣ таҳия гардидааст. Илова бар ин, ҳангоми ба даст омадани натиҷаҳои таҳқиқот методи арзёбӣ, методикаи банақшагирии самараноки таҷрибаҳо, назарпурсӣ, мусоҳиба, суҳбат, мушоҳида, таҳлили натиҷаи озмоишҳо, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз ҷумла, озмоиши санҷишии хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амал мавриди истифода қарор дода шуданд, ки бешак аз эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои бадастовардаи муҳаққиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Бартарияти дигари кори таҳқиқотӣ он аст, ки сарчашмаҳои илмӣ, педагогӣ-психологӣ ва тиббӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогӣ-психологӣ ва тиббӣ дар соҳаи маориф, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф аз тарафи диссертант моҳирона ва мушикофона мавриди натиҷагирӣ қарор гирифта, ҳангоми ба даст омадани натиҷаҳои таҳқиқот методи арзёбӣ, методикаи банақшагирии самараноки таҷрибаҳо, назарпурсӣ, мусоҳиба, суҳбат, мушоҳида, таҳлили натиҷаи озмоишҳо, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз ҷумла, озмоши санҷишии хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ амалан мавриди истифода қарор дода шудаанд.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*** Дараҷаи навгонӣ ва натиҷаҳои дар кори диссертатсионии мазкур бадастомада, нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, ҷолиби эътибор ва арзёбӣ мебошанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ дар кори худ ба навгониҳои зерин ноил гардидааст: зимни маълумоти таҳқиқотии бадастомада принсипҳои асосии фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонии хонандагони синфҳои болоӣ тасвият гардиданд, ки ба тариқи зайланд: саривақтӣ будан (зарурати ташкил ва татбиқи амалии фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар марҳилаи барвақтӣ), худтанзимкунӣ (дар хонандагон ташаккул додани қобилияти танзими мустақилонаи рафтори ҳифзи саломатии худ), ташаббускорӣ, яъне баланд шудани сифати кӯшишҳои иродавӣ, маънодорӣ (дарки аҳамияти саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим), мувофиқатнокӣ (корбурди муносибати инфиродӣ дар ҳалли ҳар як масъала); аз ҷониби муҳаққиқ амсилаи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбия ҷисмонӣ дар рафти таҷриба ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солим барои хонандагони синфҳои болоӣ эҷод гардид. Бо кумаки он, воситаҳои ибтикории педагогӣ муайян ва тасвиб гардиданд, ки имкон медиҳанд ҳавасмандии мусбати хонандагони синфҳои болоӣ ба тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатӣ, ба онҳо омӯзонидани маҳорати баҳодиҳии рафтори ҳаётӣ ва ҳамоҳангсозии он бо вижагиҳои гендерии одамон,

анъанаҳои фарҳангии кишвар, минтақа дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва фаъолнокии беруназсинфӣ аз ҷумла, эҷодкорӣ, варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, фаъолияти илмию иҷтимоӣ инкишоф дода шаванд; шароити педагогие асоснок гардиданд, ки ба ташаккули сифатҳои арзишӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ, ки ба саломатӣ, тарзи ҳаёти солим нигаронида шудаанд, мусоидат мекунанд; манфиати истифодаи амалияи соатҳои тарбиявӣ барои ташаккули муносибати мусбат ба тарзи ҳаёти солим ва саломатии хонандагони синфҳои болоӣ нисбат ба наздиктарин муҳити онҳо муқаррар карда шудааст. Дар рисола истифодаи технологияҳои ибтикории рақамӣ барои баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳифзи саломатӣ (дар қисмати воябандишуда); методологияи фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ хеле ба маврид инъикос ёфтааст.

Татбиқи навгониҳои мазкур дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои болоӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар онҳо бешак муфид хоҳад буд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:*** Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯ, хулосаву тавсияҳои илмӣ-амалии коркард ва пешниҳоднамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштаашударо пурра ҳаллу фасл кардааст ва дар ин росто фарзияи илмии рисола тасдиқи худро пайдо кардааст. Дар диссертатсия вазъи воқеӣ ва роҳу усули ташкилӣ-педагогии ташаккули омӯзгори оянда ба таълими фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» равшан гардида, сохти амсилавии омодагии касбии омӯзгори оянда, низоми арзёбии дониш, малака ва маҳорат, ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва васоити нави ташкили таълим, ҳамгироии мундариҷаи фанҳои гуногуни таълимӣ, худбаҳодиҳии хонанда дар фаъолияти омӯзишӣ, илмӣ ва варзишӣ, ташвиқи ӯ ба кори бошуурона ва мақсаднок, густариши фаъолияти таълимӣ-ҷустуҷӯии хонандагон,

ҳавасмандгардонии онҳо зимни мустақилона интихоб кардани гунаҳои (вариант) ташаккули дониш ва, ниҳоят, мунтазам таҳлил намудани сатҳи дастовардҳои таълимии хонандагон муайян ва мушаххас карда шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина татбиқ гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ дар ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат кардааст. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Рисолаи Султонзода Исмоил Сафарали таҳти унвони «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ» аз рӯйи талаботи Дастурамали таҳияи рисолаҳои номзадӣ омода гардида, аз муқаддима, ду боб, зербобҳо, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат мебошад. Дар қисмати муқаддима масъалаҳои асоснокии интихоби мавзуъ, муайян кардани мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии мушкилоти мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби тарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тавсиф ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, асосҳои назариявӣ ва методологии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ва саҳми муаллиф дар бозкушоии муаммо, нуктаҳои баррасишаванда ва чанд масоили дигар муффасал ва ҳамаҷиҳата нишон дода шудааст.

Боби якум «Робитаи мутақобилаи фаъолияти ба ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ нигаронидашудаи омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ дар таҳқиқоти психологӣ педагогӣ» ном дошта, ба

омузиш ва таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ бахшида шудааст, ки дар онҳо усулҳои муосири ташкил ва татбиқи стратегияҳои педагогии ба ташаккули муносибати созанда ба саломатӣ, тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нигаронида шудаанд ва ҳамчун арзишҳои асосии ҳаётӣ қобили қабул дониста мешаванд.

Натиҷаи таҳқиқоти анҷомгирифта мубрамии мавзуи таҳқиқотро собит карда, фаъолияти тарбиявиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки ба рушди фаъолнокии ҳаётии хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида шудааст, инчунин баъзе ҳолатҳои дарки сусти хонандагонро дар бораи аҳамияти саломатӣ, тарзи ҳаёти солим дар сарнавишти ояндаи онҳо ва баланд бардоштани рақобатпазирии касбии онҳоро дақиққорона таҳлилу натиҷагирӣ кардааст.

Дар боби дуюм, ки «Самаранокии фаъолияти ибтикории ба ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ нигаронидаи омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ» номида мешавад, масъалаҳои муҳими методикаи муосири фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмониро ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ дар бар мегирад. Дар ин бахш раванди амалисозии он дар ҷараёни таҷриба, инчунин асоснокии нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои ташхиси самаранокии методика тасвир шудааст. Ғайр аз ин, дар боби мазкур маълумоти эмпирикии мансуб ба воситаҳои мушаххаси ташхис ва натиҷаҳои таҳлили коркарди онҳо бо методҳои махсуси оморӣ оварда шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар заминаи ҳадафи таҳқиқот ва фарзияи он ҳаллу фасли проблемаҳои муҳимро ба монанди ҷустуҷӯ, муайянсозӣ ва асоснокунии роҳу усулҳои самараноки ташаккули сифатҳои касбии омӯзгори фанни тарбияи ҷисмонӣ, зимни таҳлили адабиёти педагогӣ ва психологӣ муайян намудани моҳият ва мазмуни истилоҳи омодагии омӯзгори ин фан ва амсоли онро ба риштаи таҳқиқ ва пажуҳиш кашидааст. Боиси зикр аст, ки унвонҷӯй дар масири ҳалли масоил ва вазифаҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошта ноил ва комёб ҳам

шудааст.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*** Муҳтавои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар шакли 7 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла, 4 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва 5 номгӯй дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикос гардидаанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:*** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферастҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, медиҳад.

Бояд гуфт, ки муаллифи рисола зимни пажуҳишу таҳқиқи масъалаи мазкур ба дастовардҳои фаровон ноил гардида, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст, ки мо онҳоро дар қисмати хулоса мушоҳида карда метавонем.

Дар баробари комёбиҳои зиёди илмӣ дар рисола баъзе камбудиву нуқсонҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам самаранoктар намудани муҳтавои он мусоидат хоҳад намуд, аз ҷумла:

1. Дар рисола таҳлили фаъолияти омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ аз нигоҳи таълими босифат ва босалоҳият, ки дар пасманзари таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи муҳим дорад, нисбатан камтар ба мушоҳида мерасад. Хуб мебуд агар унвонҷӯ фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси муваффақият ва камбудиҳои фаъолияти омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ,

сатҳ ва дараҷаи иштироки хонандагони синфҳои болоӣ ба машғулиятҳои таълимӣ, истифода аз роҳу усулҳои пешқадами таълими ин фан дар муқоиса бо муассисаҳои таҳсилоти умумии типи нав мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ мекард.

2. Хуб мебуд, агар дар рисола таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни “Тарбияи ҷисмонӣ”-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таҳлил ва арзёбӣ мегардид, зеро таҷриба кардани ин роҳи таҳқиқ ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар мавриди ҷустуҷӯи роҳу усулҳои пешқадам фароҳам меовард.

3. Хуб мебуд, агар ҳар як вазифаи дар назди таҳқиқот гузошташуда дар шакли хулосаҳои ҷамъбастии таҳқиқот ҳалли худро меёфтанд.

4. Тавсияҳои таҳқиқотӣ дар намуди хулоса оварда шудаанд. Онҳоро мушаххас намуда, рақамбандӣ кардан мувофиқи мақсад мебуд.

5. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба чашм мерасад, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, арзиши баланди илмии рисолаи мазкурро паст намекунанд.

**ХУЛОСА**

1. Диссертатсияи Султонзода Исмоил Сафарали дар мавзуи «Фаъолияти ибтикории омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти ташаккули тарзи ҳаёти солими хонандагони синфҳои болоӣ», таҳқиқоти мустақилона анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ маҳсуб меёбад.

2. Натиҷаҳои боэътимод, хулосаҳои назариявӣ ва асоснокии корҳои озмоишӣ, ки аз тарафи муаллифи рисола басо дар сатҳи зарурии пойгоҳи илмӣ ба даст оварда шудааст аз моҳияти баланди арзишманди илмӣ доштани диссертатсияи тақризшаванда гувоҳӣ медиҳад.

3. Муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асосноканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва

муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

4. Диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Шаропов Ш. А.

« 16 » 12 соли 2024

Маълумот барои тамос: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. Телефон: (+992) 92 771 78 70. E-mail: sharofzodl954@mail.ru

*Имзои Шаропов Шавкатҷон Аҳмадовичро тасдиқ мекунам:*
*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои*
*махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Б. Ғафуров»* *Сайдуллозода З.С.*